**МИССИЯИ НОЗИРОНИ САҲА**
**Интихоботи Президент, Ҷумҳурии Тоҷикистон – 6 ноябри соли 2006**

# ИЗҲОРОТ ОИД БА ДАРЁФТҲО ВА ХУЛОСАҲОИ ПЕШАКӢ

**Душанбе, 7-уми ноябри соли 2006.** Миссияи нозирони САҲА (МНИ) оид ба интихоботи президентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз фаъолияти якҷояи Дафтари институтҳои демократӣ ва ҳуқуқи башари САҲА (САҲА/ДИДҲБ) ва Ассамблеяи парлумонии САҲА (АП САҲА) иборат аст.

Изҳороти мазкури хулосаҳои пешакӣ қабл аз ба анҷом расидани раванди интихобот, аз ҷумла ҷамъбаст ва эълони натиҷаҳои ниҳоӣ, тамом шудани муҳлатхои қонунӣ барои  баррасии арзу шикоятҳо ва расман оғоз кардани иҷрои ваколатҳо аз тарафи шахси интихобшуда пешниҳод мешавад.

## ХУЛОСАҲОИ ПЕШАКӢ

Интихоботи президентии 6-уми ноябрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти гузаштан аз санҷиши пурраи таҷрибаҳои демократии интихоботиро, ки дар ҳуҷҷати Копенгаген/САҲА аз соли 1990 муайян шудаанд, бо сабаби мавҷуд набудани интихоби воқеӣ ва гуногунандешии назаррас, фароҳам наовард. Раванди интихобот норасоиҳои пураҳамиятро ошкор намуд.

Сарфи назар аз иштироки панҷ номзад дар интихобот, он бо мавҷуд набудани рақобати ҳақиқӣ тавсиф мешавад. Аҳзобе, ки худро ҳамчун мухолифини сиёсӣ ба барномаи президенти кунунӣ муайян кардаанд, дар интихобот иштирок накарданро ихтиёр намуданд. Ҳамин тариқ, ба овоздиҳандагон интихоберо пешниҳод гашт, ки номиналӣ буд. Бо вуҷуди ин, интихоботи ҳозира дар муқоиса бо интихоботи президентии соли 1999, ки дар он САҲА бо сабаби мавҷуд набудани шароитҳои ҳадди ақал барои гузаронидани интихоботи демократӣ назорат набурда буд, баъзе беҳбудиҳоро нишон медиҳад.

Қонунгузории интихоботӣ, васоити ахбори омма (ВАО), муҳити сиёсӣ ва як қатор ҷиҳатҳои техникии раванди интихобот беҳбудии назаррасро тақозо мекунад, то гузаронидани интихоботи воқеан ҳам демократӣ таъмин шаванд.

Норасоиҳои дигари асосии мушоҳидашуда аз нуктаҳои зер иборатанд:

- Набудани рақиби сазовор дар муқобили президенти кунунӣ ва нагузаронидани маъракаи пешазинтихоботӣ аз ҷониби Президенти кунунӣ боиси сурат нагирифтани маъракаи назаррас ва ба таври бояду шояд барпо нашудани мубоҳисаҳои сиёсӣ дар байни номзадҳо гашт. Сарфи назар аз доираи панҷ номзад, овоздиҳандагон имконияти интихоби ҳақиқиро аз байни неруҳои мухталифи сиёсӣ надоштанд.
- Қонунгузории интихоботӣ барои мувофиқат кардан ба ӯҳдадориҳои САҲА, ки дар тавсияҳои қаблии САҲА/ДИДҲБ матраҳ шудаанд, беҳбудиҳои назаррасро тақозо мекунад.
- Раванди қабули қарорҳо аз ҷониби КМИР ва тарзи таъйин кардани он баъзе нигарониҳоро ҷиҳати шаффофият ва мустақилияти он аз мақомоти ҳокимият ба миён меоварад.
- Муҳити васоити ахбори омма ба таври васеъ дар таҳти назорати ҳукумат мебошад. Фишор ба сарчашмаҳои хусусии васоити ахбори оммаву хабарнигорон боиси худсензураи васеъпаҳншуда гашт. Президенти кунунӣ ва ҳизби ӯ аз 83 фоизи вақт дар телевизиони Сафина ва 62 фоизи вақт дар ТВТ, ки ҳар ду ҳам ба давлат тааллуқ доранд, бархурдор шуд. Ин ҳолат, инчунин мавҷуд набудани гузоришҳои таҳлилиро дар бораи интихобот ва имконияти овоздиҳандагонро ҷиҳати интихоби огоҳона зери суол мегузорад.
- Талабот дар мавриди ҷамъоварии имзоҳои панҷ фоизи интихобкунандагони бақайдгирифташуда барои дастгирии номзадҳо, монеаи назаррасеро барои пешбарӣ шудан дар интихобот эҷод мекунад.
- Шаш номзад 1,5 миллион имзо ҷамъоварӣ намуданд, ки ин миқдор беш аз 47 фоизи интихобкунандагонро дар бар мегирад. Бо назардошти вақти кам ва тартиботи мураккаб, боэътимодии раванди ҷамъоварии имзоҳо зери шубҳа қарор мегирад.

- Чуноне ки маҷлисҳои якҷояи пешазинтихоботии аз ҷониби маъмурияти интихобот ташкилшуда нишон доданд, чаҳор номзади алтернативӣ дар гузаронидани маъракаҳои пешазинтихоботӣ, ба таври васеъ ба дастгирии давлат такя мекарданд.
- Тартиби овоздиҳӣ, ки овоздиҳӣ ба муқобили номзадҳоро (овоздиҳии манфӣ) тақозо мекунад, муқобили манфиати овоздиҳандагон, номзадҳо ва идоракунии муассири интихобот мебошад.

Ҷиҳатҳои раванди интихобот, ки шоёни арзёбии мусбатанд:

- Давраи интихоботӣ бо фазои ором ва сулҳомез, бе рух додани ҳодисаҳои вайронкорӣ тавсиф мешавад.
- Раванди идоракунии интихобот муассир буд ва дар доираи мӯҳлати дар қонун пешбинишуда сурат гирифт. КМИР бо кӯмаки ҷомеаи байналмилалӣ барои ҳамаи аъзои комиссияҳои интихоботӣ омӯзиш гузаронид.
- КМИР як қатор қарорҳоро, аз ҷумла, дар бораи шомил намудани намояндагони ҳизбҳои сиёсӣ дар комиссияҳои интихоботии сатҳҳои поёнӣ ва фароҳам овардани дастрасӣ ба нозирон қабул намуд, ки барои ҳалли масъалаҳои дар қонунгузории интихобот танзимнашуда нигаронида шуда буданд.
- Бори нахуст аст, ки ба номзадҳо ва шахсони бовариноки онҳо дар телевизион ва дар матбуоти чопӣ вақти эфирӣ ва саҳифаҳои бепул фароҳам оварда шуд. Ба ҳар ҳол, ин имконият ба пуррагӣ истифода нашуд.
- КМИР талаботеро пешбинӣ кард, ки тибқи он протоколҳои натиҷаҳои овоздиҳӣ бояд пас аз анҷоми ҳисоби овозҳо дар участкаҳои интихоботӣ овехта шаванд. Ин тадбире буд барои зам кардани шаффофият.
- Маърифати интихобкунандагон, аз ҷумла иттиллоот оид ба ҷилавгирии овоздиҳии оилавӣ ё овоздиҳӣ аз номи шахсони дигар таъмин гашт. Сарфи назар аз ин, овоздиҳӣ аз номи шахсони дигар қоидавайронкунии ҷиддӣ ва васеъпаҳнгашта буд.
- Бюллетенҳо бо чаҳор забон (тоҷикӣ, русӣ, ӯзбекӣ ва қирғизӣ) интишор шуданд, ки ин муносибати фарогирро ба иштироки аққалиятҳои миллӣ нишон медиҳад.
- Ба хотири фароҳам овардани имконияти овоздиҳӣ дар берун аз кишвар 26 нуқтаи овоздиҳӣ ташкил карда шуд.

Рӯзи интихобот дар фазои ором ва сулҳомез сурат гирифт ва овоздиҳӣ дар 80 фоизи участкаҳои интихоботие, ки МНИ ба онҳо ташриф овардааст, мусбат арзёбӣ шуд. Аммо, овоздиҳӣ аз номи шахсони дигар дар 19 фоизи участкаҳои интихоботии назоратшуда мушоҳида шудааст. Дар 49 фоизи участкаҳои интихоботии назоратшуда, дар рӯйхатҳои интихобкунандагон имзоҳои якхела вуҷуд доштанд, ки ин ба овоздиҳии чандкарата ишора мекунад. Тартибот оид ба муаррифӣ ва санҷиши шахсияти овоздиҳандагон ба таври зарурӣ риоя нашуд (таносубан 45 ва 38 фоизӣ). Дар саросари кишвар баъзе аз участкаҳои интихоботӣ барвақттар баста шуданд. Дар баъзе участкаҳои интихоботии назоратшуда шахсони ваколатнадошта ба кори Комиссияҳои участкавии интихоботӣ дахолат мекарданд, аз ҷумла намояндагони ҳифзи тартибот ва бехатарӣ кори КУИ-ро назорат мекарданд.

Нозирони МНИ ҳисобкунии овозҳоро дар шумораи зиёди участкаҳои интихоботии назоратшуда манфӣ арзёбӣ намуданд. Тартиботи ҳисобкунии овозҳо, ки барои таъмини тамомият ва шаффофияти раванд заруранд, дар умум риоя нашуданд. Тибқи гузоришҳо, теъдоди ҳозиршавии овоздиҳандагон бениҳоят зиёд буд ва дар баъзе участкаҳо 100 фоизро ташкил медод. Ҳамчун пешравии мусбат, КУИ мувофиқи қарори КМИР протоколи натиҷаҳоро дар бештари участкаҳои интихоботии назоратшуда овехт. Ба ҳар ҳол, ҳисоботдиҳандагии комил тақозо мекунад, ки натиҷаҳо аз рӯи тақсимбандии участкаҳои интихоботӣ дар сатҳи ноҳиявӣ ва марказӣ дар ҷойҳои ҷамъиятӣ овехта шаванд.

Интиқол додани натиҷаҳо аз КУИ ба Комиссияҳои Ҳавзавии Интихобот (КҲИ) дар 47 КҲИ назорат шуд ва дар бештари назоратбариҳо ба таври мусбат арзёбӣ шуданд. Ба ҳар ҳол, раванди ҷамъбасткунӣ шаффоф набуд. Аз се ҳисса дар ду ҳиссаи КҲИ, ки нозирони МНИ ҷамъбасткунии натиҷаҳои аз тамоми КУИ интиқолшударо назорат мекард, ба онҳо назораткунии ин раванд манъ карда шуд ва инчунин ба онҳо иҷозат дода нашуд, ки натиҷаҳоро сабт кунанд.

САҲА ҳамеша омода аст ба ҳокимият ва ҷомеаи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои боз ҳам беҳтар сохтани раванди интихобот кӯмак расонад.

## ХУЛОСАҲОИ ПЕШАКӢ

### Замина

Интихоботи 6 ноябри соли 2006 нахустин интихоботи президентист, ки САҲА онро назорат кард. Соли 1999 шароитҳои ҳадди ақал барои гузаронидани интихоботи демократӣ вуҷуд надошт, зеро танҳо президенти кунунӣ дар он рақобат варзид ва номи номзади дигар, ки аввалан натавонист аз қайд гузарад, бар хилофи хоҳишаш дар бюллетен сабт шуд.

Интихоботи парлумонии соли 2000-ум якҷоя аз ҷониби СММ ва САҲА/ДИДҲБ назорат шуд ва онҳо изҳор намуданд, ки «Тоҷикистон бояд равандро беҳ созад то ба стандартҳои ҳадди ақали демократӣ барои гузаронидани интихоботи баробар, одилона, озод, махфӣ, шаффоф ва салоҳиятнок мувофиқат кунад.” Миссияи нозирони интихоботии САҲА/ДИДҲБ ба интихоботи парлумонии соли 2005-ум, бо вуҷуди баъзе ҷиҳатҳои мусбати раванд, арзёбӣ шуд, ки «интихобот ба бисёр ӯҳдадориҳои асосии САҲА ва дигар стандартҳои байналмилалӣ оид ба интихоботи демократӣ мувофиқат накард”.

Ворид сохтани тағйироту иловаҳои ба Конститусия дар соли 2003 муайян кард, ки як шахс наметавонад ба мансаби президентӣ беш аз ду мӯҳлат пайдарпай интихоб шавад. Ҳамзамон тафсири тағйироту иловаҳои қабулшуда, ба Президенти кунунӣ Эмомалӣ Раҳмонов, ки сараввал дар соли 1994 интихоб ва баъд дар соли 1999 такроран интихоб шуд, имконият фароҳам овард, ки ба ду мӯҳлати иловагӣ пешбарӣ шавад.

Президент дорои як зумра ваколатҳои васеъ, аз ҷумла таъйин намудани Сарвазир, аъзои Ҳукумат ва раисони ҳукуматҳои вилоят ва ноҳияҳо мебошад. Дар муқоиса, масъулиятҳои парлумон, ки аз ҷониби Ҳизби ҳокими халқӣ-демократии Тоҷикистон ҳукмравоӣ мешавад, маҳдуд аст.

Дар Тоҷикистон аҳзоби сиёсии зиёде ба қайд гирифта шудаанд. Ба ғайр аз ҳизби ҳокими ХДТ, фақат Ҳизби коммунисти Тоҷикистон (ҲКТ) ва Ҳизби наҳзати исломӣ (ҲНИТ) дастгирӣ доранд. Моҳи ноябри соли 2005 ду ҳизби сиёсии нав – Ҳизби аграрии Тоҷикистон (ҲАТ) ва Ҳизби ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон (ҲИИТ) ба миён омаданд, ки тарафдорони ҳукумат шумурда мешаванд. Дар айни ҳол дар сафҳои ду ҳизби сиёсӣ – Ҳизби

сотсиалисти Тоҷикистон (ҲСТ) ва Ҳизби демократи Тоҷикистон (ҲДТ) тафриқа ба миён омад, ки бисёриҳо ин падидаро ангезаи мақомоти ҳокимият меҳисобанд.

Ҷиноҳҳои мухолифи ҲДТ ва ҲСТ бо узри он, ки чаҳорчӯбаи қонунгузории интихоботӣ комил нест, аз рақобат дар интихобот худдорӣ карданд. Ҳизби сотсиал-демократии Тоҷикистон (ҲСДТ), ки ба ворид сохтани тағйироту иловаҳо ба Конститутсия дар соли 2003 мухолиф буд, интихоботро ғайриконститутсионӣ меҳисобад. Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон (ҲНИТ) тасмим гирифт, ки ба ин интихобот номзад пешбарӣ нанамояд, вале, он дар идоракунии интихобот иштирок намуд.

**Чаҳорчӯбаи қонунгузорӣ**

Конститутсия пешбинӣ менамояд, ки интихоботи президент аз рӯи системаи дудаврагӣ гузаронида шавад. Барои он ки номзад дар давраи якум ғолиб ояд, ӯ бояд аз нисф зиёди овозҳои ҳамаи овоздиҳандагони дар интихобот иштироккардаро соҳиб шавад. Интихобот фақат дар он сурат баргузоршуда ҳисоб мешавад, ки зиёда аз 50 фоизи овоздиҳандагони бақайдгирифташуда дар он иштирок кунанд: ин тартиботест, ки метавонад содиркунии амалҳои ғайриқонуниро дар интихобот ангезад.

Арзёбикунии Қонуни конститутсионӣ дар бораи интихоботи Президент аз ҷониби САҲА/ДИДҲБ муайян мекунад, ки қонуни мазкур ба беҳсозии назаррас эҳтиёҷ дорад то ба ӯҳдадориҳои САҲА мувофиқат кунад. Он тағйироту иловаҳо оид ба санҷиши имзоҳо, созмон додани маъмурияти интихоботии гуногунандеш, кафолати харҷи одилонаи маблағҳои давлатӣ, беҳсозии шаффофият ва фароҳам овардани имконият барои назорати тамоми зинаҳои раванд, муаррифӣ намудани овоздиҳӣ ба таври мусбат ва нишон додани ҷои нишонгузорӣ дар бюллетен ба овоздиҳандагоне, ки мехоҳанд ба номзади дилхоҳашон овоз диҳанд, раванди пешниҳоди арзу шикоятҳо бо мақсади муҳофизати ҳуқуқи овоздиҳӣ ва иҷозат ба нозирони ғайриҳизбии миллиро дар бар мегирад. Шумораи ками ин масъалаҳо дар қарорҳои КМИР то андозае ба инобат гирифта шуданд; вале амалигардонии аксарияти тавсияҳои САҲА/ДИДҲБ дар канор мемонанд.

Қонун дар бораи интихоботи Президент ба таври умда возеҳ нест ва қисме аз раванди интихоботро бетанзим мегузорад. КМИР якчанд қарор қабул

намуд, ки ба масъалахои дар қонунгузорӣ пешбинӣ нашуда равона мегардад. Аммо дар бештари маврид ин қарорҳо бо Қонун дар бораи интихоботи Президент мувофиқ набуд ва тафсилоти мушаххасро дар бар намегирифтанд. Ин ба таври назаррас имконияти батанзимдарории боарзиши қарорҳоро коҳиш дод. Масъалаҳои асосӣ ҳалли худро наёфта ба салоҳдиди комиссияҳои интихоботии поёнӣ ва ё танзими шифоҳии маъмурияти КМИР вогузор шудан –масалан - тартиб додани рӯйхатҳои овоздиҳандагон, раванди санҷиши имзоҳо барои бақайдгирии номзадҳо ва ҷамъбасти натиҷаҳо. Ин метавонад ба нофаҳмиҳо, қабули ихтиёрии қарорҳо ва якранг набудани иҷрои муқаррароти қонунӣ оварда расонад.

## ИДОРАКУНИИ ИНТИХОБОТ

Интихоботи президент аз тарафи маъмурияти интихоботии се-зинагӣ идора шуд: КМИР, 68 Комиссияҳои ҳавзавии интихобот (КҲИ), ва 3,042 Комиссияҳои участкавии интихобот (КҲИ).

КМИР мақомоти доимоамалкунандаест, ки аз Раис, ҷонишини Раис ва 13 аъзо иборат буда, бо пешниҳоди Президент аз тарафи палатаи поёнии парлумон таъин карда мешавад. Таъйинӣ будани аъзои КМИР мустақилияти онро аз ҳукумат мавриди нигаронӣ қарор медиҳад.

КМИР панҷ маҷлиси расмӣ[1] баргузор намуд, ки чаҳортои он пеш аз аккредитатсия шудани МНИ баргузор шуда буданд. Ба МНИ иҷозат дода нашуд, ки дар маҷлиси панҷум иштирок намояд. Сарфи назар аз он ки фаъолияти КМИР ҳамчун мақоми коллегиалӣ дар сатҳи корӣ ба МНИ дастрас ва кушода буд, раванди тасмимгирии он ғайришаффоф боқӣ мемонад ва боиси нигарониҳост.

МНИ аз 68 КҲИ бо 63-тои он вохӯрӣ гузаронид, ки онҳо дар умум ҳамкорӣ зоҳир карданд ва маълумоти дархостшударо таъмин намуданд. Омодагиҳои техникӣ барои интихобот ба таври зарурӣ ва дар мӯҳлатҳои дар қонун пешбинишуда ичро шуданд. Маводҳо ба КУИ саривақт дастрас шуда буданд. Ба назар мерасид, ки КУИ ба рӯзи интихобот тайёрии хуб дида буд.

[1] Маҷлисҳо дар 4 ва 15 сентябр, 9 ва 11 октябр, инчунин дар 1 ноябр гузаронида шуданд.

Қарори № 43 КМИР муқарар мекунад, ки ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар ташкилотҳо ҳуқуқи пешниҳод намудани як нафарӣ аъзоро ба ҳар як комиссия дар сатҳи КҲИ ва КУИ доранд. Ин пешравиест нисбат ба интихоботи президентии пешина, ки фарогирии васеътари идоракунии интихоботро таъмин мекард. Назорати рӯзи интихобот нишон дод, ки се ҳизбҳои сиёсӣ, ҲХДТ, ҲНИТ ва ҲКТ дар аксари КҲИ намоянда доштанд. ҲХДТ дар КУИ намояндагии аз ҳад зиёд дошт; ҲНИТ аз 68 КҲИ дар 62-тои он ва ҲКТ бошад дар 58-тои он намояндаҳо доштанд. Дар аксари ҳолатҳо намояндагони ҲХДТ раисони КҲИ буданд. Ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчунин дар КУИ намояндагӣ доштанд. ҲХДТ дар 66 фоизи КУИ, ҲКТ дар 44 фоиз ва ҳизбҳои боқимонда, аз ҷумла, ҲНИТ ва ҲДТ (ҷиноҳи ҷонибдори ҳукумат) дар 10 - 15 фоизи КУИ ҳадди ақкал як нафарӣ намоянда доштанд.

КМИР дар асоси Роҳнамои Омӯзишии худ барои аъзои КҲИ ва КУИ барномаи омӯзиширо ба роҳ монд. Ҳангоми омӯзиш маъноҳои духӯра ва ихтилофот дар байни Қонун дар бораи интихоботи Президент ва Роҳнамои омӯзишӣ мушоҳида шуд. Ба хотири фарогирии КУИ ва якхела намудани тартиби рӯзи интихобот, КМИР тасмим гирифт, ки видеои омӯзиширо барои аъзои КУИ дар телевизион пахш намояд. Видео ҳамарӯза дар вақти беҳтарини эфирӣ дар ҳафтаи пеш аз интихобот пахш шуд.

Ба хотири ба шаҳрвандони дар хориҷ будаи Тоҷикистон фароҳам овардани имконияти овоздиҳӣ, дар берун аз кишвар 26 участкаи интихоботӣ ташкил карда шуд.

**Бақайдгирии интихобкунандагон**

Бақайдгирии компютерикунонидашудаи марказии интихобкунандагон дар Тоҷикистон вуҷуд надорад. Тибқи муқаррароти Қонун дар бораи интихоботи Президент, бақайдгирии интихобкунандагон бар асоси рӯйхатҳои тартибдодаи интихобкунандагон аз тарафи комиссияҳои участкавии интихобот, бо истифода аз лоиҳа-рӯйхатҳои мақомоти маҳаллӣ сурат мегирад. Иттилооти маҷмӯъ дар сатҳи болотар аз комиссияҳои участкавӣ вуҷуд надорад ва аз ин сабаб тафтиш намудани бақайдгирии чандкарата ғайриимкон аст. КУИ аз 2 то 22 октябр таҷдиди рӯйхати интихобкунандагонро бо роҳи пурсиши хона-ба-хона гузаронид, ҳарчанд раванди тартибдиҳии рӯйхат дар саросари кишвар фарқ мекард.

Нозирони МНИ ҳолатҳоеро мушоҳида карданд, ки рӯйхати интихобкунандагон сузандӯзӣ нашуда буданд ва на ҳамаи саҳифаҳои онҳо тасдиқ шуда буданд. Нозирон дар бораи роҳҳои гуногуни бархӯрд оид ба масъалаҳои ба рӯйхати интихобкунандагон дохил намудани шумораи зиёди муҳоҷирони меҳнатӣ гузориш доданд. Интихобкунанда бо пешниҳоди ҳуҷҷати тасдиқкунандаи маҳалли будубоши худ метавонад ҳар лаҳза, пас аз пешниҳод шудани рӯйхати интихобкунандагон барои шиносоии умумӣ ва то анҷоми вақти овоздиҳӣ ба рӯйхатҳои иловагӣ дохил карда шавад. Ин таҷриба метавонад ба иштибоҳот ва сӯистеъмоли шумораи овоздиҳандагон ва теъдоди овоздиҳандагони ҳозиршуда роҳ диҳад.

Қонун дар бораи интихоботи Президент овоздиҳии пешакӣ ва овоздиҳӣ бо истифода аз «шаҳодатнома барои ҳуқуқи овоздиҳӣ»-ро пешбинӣ менамояд, аммо ба таври возеҳ ин масъаларо танзим намекунад. Сарфи назар аз дастурамалҳои КМИР, тартиби овоздиҳии пешакӣ аз тарафи намояндагони КҲИ ва КУИ, ки МНИ бо онҳо вохӯрӣ дошт, хуб фаҳмида нашудааст. «Шаҳодатнома барои ҳуқуқи овоздиҳӣ» ба овоздиҳанда имконият медиҳад, ки дар дигар участкаи интихоботие, ки дар он ҷо будубош намекунад, овоз дода тавонад. Ҳеҷ тадбирҳои бехатарӣ барои судур ва истифода намудани «Шаҳодатнома барои ҳуқуқи овоздиҳӣ» андешида нашудаанд. Норасоиҳо дар муқаррароти ҳар ду намуди овоздиҳӣ барои вайронкориҳои тасодуфӣ ё барқасд шароит фароҳам овард.

**Бақайдгирии номзадҳо**

КМИР панҷ номзадро дар ин интихобот ба қайд гирифт: ҷаноби О. Бобоев аз ҲИИТ; ҷаноби А. Ғаффоров аз ҷиноҳи ҷонибдори ҳукумати ҲСТ; ҷаноби А. Қарақулов аз ҲАТ; Президенти кунунӣ ҷаноби Э. Раҳмонов, ки аз ҷониби ҲХДТ пешбарӣ шудааст ва ҷаноби И. Талбаков, ки аз ҷониби ҲКТ пешбарӣ шудааст.

Барои ба қайд гирифта шудан ҳамчун номзад ба президентӣ, шахси номзад бояд ба тарафдории худ имзои 5 фоиз интихобкунандагони бақайдгирифташударо пешниҳод намояд, ки он барои иштирок ҳамчун номзад дар интихобот садди калонеро ба миён меорад. Дар ин интихобот, номзад мебоист, ки дар давоми 20 рӯз тақрибан 160,000 имзоро пешниҳод

намояд. Қарори №37 КМИР тартиби бемавриди ҷамъоварии мураккаб ва санигини имзоро, махсусан дар доираи вақти маҳдуди пешбинишуда муқаррар намудааст.

Шаш номзад шумораи умумии 1,514,177 имзо пешниҳод намуданд, ки он шумораи зиёда аз 47% тақрибан 3,2 миллион интихобкунандагони бақайдгирифташударо ташкил медиҳад. Чунин шумораи зиёди имзоҳо аз нигоҳи ташкилии лозимӣ барои чунин чорабинии васеъ дар мӯҳлати маҳдуд ва ҳузури нисбатан заифи баъзе ҳизбҳои сиёсӣ дар маҳалҳо ғайри имкон ба назар мерасад. МНИ нусхаҳои формаҳои имзоҳоеро дид, ки дар онҳо маълумоти мушахаси лозимӣ дар бораи номзад ва шахсони имзоҷамъкунанда вуҷуд надошт ва ин амал қонунвайронкунӣ аст. Ҳамсӯҳбатони МНИ ба ин раванд шубҳа овбарданд.

Муқарарот оид ба санҷидани имзоҳо вуҷуд надорад. Сарфи назар аз он КМИР намунаи 99,551 имзоро санҷид. Он бақайдгириро дар мӯҳлати дар қонун пешбинишуда ба анҷом расонид. КМИР зикр намуд, ки дар 444 ҳолат маълумоти нопурра ва дар 1,494 ҳолат имзоҳои зоҳиран якхеларо ошкор намуд, вале ягон чораи мушаххас надид. Ҳамаи номзадҳо, ба истисноі номзади ҷиноҳи тарафдори ҳукуматии ҲДТ, ки шумораи лозимии имзоҳоро ҷамъ оварда натавонист, аз қайд гузаштанд. Раванди гузаронидани ин санҷиш аз тарафи КМИР ихтиёрӣ ва бемақсад ба назар мерасад.

## МАЪРАКАИ ПЕШАЗИНТИХОБОТӢ

Маъракаи пешазинтихоботӣ дар тамоми раванди он ба таври васеъ намоён набуд. Ҳеҷ ҳодисаи вайронкорӣ ба қайд гирифта нашуд ва фазои умумӣ сулҳомез буд.

Ҳеҷ нишони бораќобат будани маъракаи пешазинтихоботӣ мушоҳида нагардид. Номзадҳо маҷлисҳо ё вохӯриҳои ҷудогона бо интихобкунандагон баргузор накарданд. Номзадҳо ва ҳизбҳои онҳо аз гузаронидани баҳсҳои аслӣ дар давраи маъракаи пешазинтихоботӣ худдорӣ намуданд. Барномаҳо ба ҳам монанд буданд ва ҳеҷ яке аз чаҳор номзадҳои рақиби президенти кунунӣ ба барномаи Президент Раҳмонов ягон алтернативаи сазовори сиёсӣ

пешниҳод нанамуд. Президенти феълӣ аз иштирок дар маъракаи пешазинтихоботӣ даст кашид.

Маъракаи пешазинитхоботии як навъ намоён маҳдудан дар марказҳои вилоятҳо ва пойтахти кишвар, шаҳри Душанбе баргузор гардид. ҲХДТ бегуфтугӯ тавассути плакатҳои пешазинтихоботӣ бо симои президенти кунунӣ, ки дар лавҳаҳои ба чашм намоён дар шаҳрҳо ва шаҳракҳои калон овехта шуда буданд, қувваи фаъолтарини сиёсӣ буд. Ягона ҳизби дигари ба назар каме намоён ин ҲКТ буд, ки дар муқоиса бо ҲХДТ он камтар ҷилвагар буд.

Дар талошҳои маъракаҳои якҷояи пешазинтихоботӣ, ки аз тарафи маъмурияти интихобот баргузор шуданд, чаҳор номзад якҷоя бо шахси боэътимоди Президенти кунунӣ ба саросари кишвар сафар намуданд. Ин вохӯриҳо мубоҳисаи пуравҷи сиёсиро тавлид нанамуданд; ба назар чунин мерасид, ки номзадҳо изҳороти сарбаста пешниҳод мекарданд ва изҳороти оҳо ба барномаҳои сиёсӣ камтар ё умуман муносибат надоштанд. Номзадҳо натанҳо аз даъват ба мубориза ва танқиди рақиби худ худдорӣ намуданд, балки воқеан аз тавоноиҳои Президенти кунунӣ пуштибонӣ намуданд. Ҳангоми чунин сафарҳо маъракаи пешазинтихоботӣ ба тарври норавшан ё назарнорас сурат гирифт. Ба назар чунин мерасид, ки шунавандагон ҳавасманд набуданд Б ки ин маъруф будани ин номзадҳоро зери суол мегузорад. Ин тарзи пешбарии маъракаи интихоботӣ вобастагии чаҳор номзадро аз дастгирии давлат, ҳамчунин бартариҳои Президенти кунуниро нишон дод. Иштироки маъмурияти интихобот дар ташкил намудани маъракаҳои пешазинтихоботӣ оид ба мустақилияти онҳо нигарониҳоро ба миён меоварад.

Дар тамоми минтақаҳо МНИ мушоҳида намуд, ки донишҷӯёни Донишгоҳҳо бо сардории муаллимон ба вохӯриҳои номзадҳо сафарбар мешуданд. Чунин ба назар мерасид, ки донишҷӯён бетавофут буданд ва гӯё, ки онҳоро водор сохта буданддар ин ҷаласаҳо иштирок кунанд. Дар Кӯлоб нозирони МНИ шоҳиди он буданд, ки муаллимон донишҷӯёни дар вохӯриҳои пешазинтихоботӣ иштироккнамударо дар рӯйхати пешакӣ тайёршуда қайд менамуданд.

Дар саросари кишвар, шӯъбаҳои маҳаллии ҲХДТ ва ҲКТ дар идораҳои ҳукуматӣ ё ки маъмурӣ ҷойгир мебошанд. Идораи ҳизбҳои дигар дар

биноҳои шахсӣ ҷойгир буда, аксаран ба таври фақирона ҷиҳозонида шудаанд. Раиси идораи маҳалии ҲСТ (ҷиноҳи ҷонибдори ҳукумат) дар Душанбе изҳор дошт, ки идора ба ҳизб бепул «аз ҷониби президент» дода шудааст. Идораи ҲИИТ дар Душанбе дар бинои Донишгоҳи нақлиёти давлатӣ ҷойгир буд. Дар аксари минтақаҳо ба МНИ маълумот дода шуд, ки идораҳои ҳизбҳо дар давоми ду ё се моҳи пеш аз интихобот, гӯё бо ёрии маъмурияти маҳал ташкил шуданд. Ин амал мустақилияти ҳизбҳои сиёсиро аз мақомоти ҳокимиятӣ зери суол мегузорад.

## АРЗУ ШИКОЯТҲО

Аз болои қарорҳои комиссияҳои интихоботӣ метавон ба комиссияҳои болоии интихоботӣ ё дар суд шикоят бурд. Аз болои қарорҳои КМИР метавон ба Суди Олӣ  шикоят кард. КМИР ба МНИ хабар дод, ки онҳо ба таври шифоҳӣ розигӣ доданд то ҳамаи арзу шикоятҳоро дар маҷлисҳои расмии КМИР баррасӣ кунанд ва аз рӯи онҳо хулоса бароранд. Аммо ин гуна тартиботи баррасии шикоятҳо дар ягон ҳуҷҷати ҳуқуқӣ ба расмият даровარда нашудааст ва инчунин ба МНИ муяссар нашуд, ки онро назорат кунад.

Дар тамоми давраи пешазинтихоботӣ ва дар рӯзи интихобот танҳо як шикояти хаттӣ аз тарафи КМИР ба қайд гирифта шуд ва ягон шикоят аз тарафи КҲИ  ба қайд гирифта нашуд. Як шикояти мустақиман марбут ба интихобот аз ҷониби роҳбари ҷиноҳи оппозитсионии ҲСТ ба Суди Олӣ пешниҳод шуд, ки ӯ аз болои қарори КМИР оид ба бақайдгирии ҷаноби Ғаффоров ҳамчун номзад аз ҷиноҳи тарафдори ҳукумати ҲСТ даъво кард ва далели онро дошт, ки  ӯ бар хилофи Моддаи 24-уми Қонун дар бораи интихоботи Президент пешбарӣ шудааст. Суди Олӣ ин шикоятро қаноатманд насохт.

### Фазои васоити ахбори омма

Чаҳорчӯбаи қонунӣ барои васоити ахбори омма аз ҷониби Конститутсия, Қонун дар бораи интихоби Президент ва Қонун дар бораи матбуот ва дигар васоити ахбори омма танзим карда мешавад. Қонун дар бораи интихоби Президент ба таври кофӣ маъракаи пешазинтихоботиро дар васоити ахбори омма танзим наменамояд. Қарори КМИР таҳти №48 ба ҳар як

номзад то 30 дақиқа ва ба ҳар як шахси бовариноки номзад то 10 дақиқа вақти бепул дар телевизион ва радио, инчунин имконияти чоп намудани мақолаҳо дар 10 саҳифа бо ду интервал дар рӯзнома ва маҷаллаҳои давлатӣ ба таври ройгон фароҳам меоварад. Гарчанде ин қобили таърифу тавсиф аст, қарор ба якчанд ҷабҳа равшанӣ намеандозад ва ҳамин тариқ он барои тафсир фазои холӣ вомегузорад.

Муҳити васоити ахбори омма таҳти назорати ҳукумат қарор дорад. Бекор сохтани иҷозатномаҳо (литсензия) ва бастани чопхонаҳо ҳамчун василаи доимӣ барои таъмини худсензура ва фишор овардан ба журналистикаи танқидӣ истифода шуд. Конститутсия озодии сухан иттилоотро кафолат медиҳад, аммо вале андешидани якчанд чора бар зидди васоити ахбори оммаи мустақил ин ҳуқуқро коҳиш дод. Чопи рӯзномаҳои *Нерӯи Сухан, Рӯзи Нав, Одаму Олам* аз соли 2004 ин ҷониб манъ шудааст. 9 октябр дастрасӣ ба панҷ саҳифаи интернетӣ ба мӯҳлати як ҳафта баста шуд. Ҳоло бошад ҳамаи саҳифаҳои интернетӣ дастрас мебошанд. Бар асари ҷудоӣ дар сафҳои Ҳизби Демократии Тоҷикистон (ҲДТ) рӯзномаи ин ҳизб *Адолат* аввали моҳи октябр ба муддати як ҳафта рӯи чопро надид. Аз 12-уми октябр ин ҷониб ду нашрияи мухталифи Адолат ҳар ҳафта чоп мешаванд, ки назароти мухталифи ин ду ҷиноҳи гуногуни ҲДТ-ро инъикос менамоянд.

11 октябр МНИ аз рӯи пахши барномаҳои ду телевизиони давлатии ТВТ ва Сафина ва 10 рӯзнома[2], ки аксаран ҳар ҳафта бо теъдоди маҳдуд чоп мешаванд мониторингро шурӯъ кард. Дар давраи пешазинтихоботӣ (11-уми октябр то 5-уми ноябр) телевизиони давлатӣ қисми ахборотии худро (83 фоиз дар телевизиони Сафина ва 62 фоиз дар ТВТ) ба президенти феълӣ Эмомалӣ Раҳмонов бахшид; дар аксарияти ҳолатҳо ӯро бештар на ҳамчун номзад, балки ба ҳайси президент нишон доданд. Ҷаноби Бобоев, ҷаноби Ғаффоров, ҷаноби Қарақулов ва ҷаноби Талбаков таносубан 6 фоиз, 10 фоиз, 7 фоиз ва 8 фоизи қисми ахборотиро фаро гирифтанд. Аксарияти рӯзномаҳои давлатӣ *(Ҷумҳурият, Народная Газета, Садои Мардум)* ғарази худро ба манфиати Президент Раҳмонов тавассути интишори маводи бештарин дар бораи ӯ зоҳир намуданд. Вале баъзе рӯзномахои хусусӣ, ба

---

[2] Рӯзномаҳое, ки аз ҷониби МНИ мониторинг шудаанд инҳоянд: Ҷумҳурият, Садои Мардум (ҳар ду се маротиба дар як ҳафта нашр мешаванд) Азия Плюс, Бизнес и Политика, Тоҷикистон, Вечерний Душанбе, Факти и Коментарии, Миллат, Собития ва Народная Газета.

монанди *Азия Плюс* ва *Бизнес и Политика* маъракаи пешазинтихоботӣ, номзадҳо ва ҳизбҳои сиёсиро бештар дар тавозун фаро гирифтанд.

Мониторинги васоити ахбори омма аз ҷониби МНИ нишон дод, ки дар ВАО гузоришҳои таҳлилӣ ва танқидӣ ва мақолаҳое, ки худсензура ва фишор ба хабарнигоронро инъикос кунад, ба таври умумӣ вуҷуд надоштанд. 3-юми ноябр як барномаи баҳси сиёсӣ тавассути ТВТ пахш гардид, ки дар он аз ҳар як ҳизб ду шахси боваринок иштирок дошт. Маъракаи пешазинтихоботӣ аз ҷониби ВАО кам фаро гирифта шуд ва инъикоси баланди симои президенти кунунӣ дар мавриди ба интихобкунандагон пешниҳод шудани иттилооти кофӣ барои овоздиҳии огохона шубҳаеро ба миён овард.

Дар 15 октябр, ТВТ ва ТВ Сафина пахши бепули барномаҳоро оғоз намуданд. Чор номзад (ҲХДТ, ҲСТ, ҲАТ ва ҲКТ) дар давоми як ҳафтаи пешазинтихоботӣ аз вақти ҷудонамуда истифода бурданд. Шахсан Президенти кунунӣ аз вақти бепули ҷудонамуда истифода набурд, ба ҷои он шахси боэътимоди ҲХДТ аз 30 дақиқаи ҷудонамуда истифода бурд. Номзадҳо мебоист вақти ҷудонамудаи худро бо тартиби алфавит истифода баранд, аммо барномаи шахси боэътимоди Президент Раҳмонов дар навбати охирин пахш карда шуд. Аз 75 нафар шумораи умумии шахсони боэътимод, 32 нафарашон аз вақти муқарраршуда истифода бурдаанд. Танҳо номзадҳо аз ҲКТ ва ҲИИТ ҳаҷми бепули муайяншударо дар расонаҳои хабарии чопӣ истифода карданд. ҲКТ, ҲАТ ва ҲХДТ якчанд рекламаи пулакии сиёсиро дар ТВТ ва телевизиони Сафина ҷой карданд. Ягон таблиғоти пулакӣ дар матбуоти чопӣ истифода нашуд.

Мусоҳиба бо ҳамаи номзадҳо дар давраи мамнӯъи гузаронидани маъракаи пешазинтихоботӣ, дар рӯзи интихобот пахш карда шуд. Дар ҳолате, ки мусоҳиба бо чаҳор номзади алтернативӣ хеле кӯтоҳ буд ва танҳо мулоҳизаҳои умумиро оид ба интихобот фаро мегирифт, мусоҳиба бо Президент Раҳмонов нисбатан тӯлонитар ва васеътар дар давоми рӯз пахш гардид (шаш бор дар телевизиони Сафина ва чаҳор бор дар ТВТ). Дар мусоҳибаи худ, Президент ба масъалаҳои марбут ба интихобот ва барномаву муваффақиятҳои ҳизби худ ишора кард.

Бо мақсади таъмин намудани интихобкунандагон бо иттилоот дар бораи раванди интихобот, телевизиони давлатӣ ба таври васеъ якчанд барномаи

маърифатиро барои интихобкунандагон пешниҳод намуд. Дар вақти беҳтарини эфирӣ се барномаи гуногуни маърифатӣ барои интихобкунандагон ҷиҳати аҳамияти интихоботи дарпешистода ва иштирок дар он мунтазам пахш мегардиданд. Дар барномаҳои маърифатӣ бар зидди падидаи овоздиҳӣ аз номи шахсони ғайр ва овоздиҳии оилавӣ, ки таҷрибаи номатлуб, вале паҳншуда мебошад, аҳамияти махсус дода шуд.

### Иштироки занон ва ақаллиятҳои миллӣ

Умуман, занон дар ҳаёти сиёсии Тоҷикистон намояндагии кам доранд. Дар интихобот номзадии ҳеҷ зан пешбарӣ нашудааст. Танҳо 6 нафар (8 фоиз) аз шумораи умумии 75 нафар шахсони боэътимоди номзадҳо занҳо мебошанд. Намояндагии занҳо дар маъмурияти интихоботӣ гуногун аст: аз 15 нафар аъзои КМИР танҳо ду нафар зан мебошанд. Ба ҳисоби миена 25 фоиз аъзои КҲИ ва 38 фоиз аъзои КУИ занҳо мебошанд. Сарварии тахминан аз панҷ як ҳиссаи КҲИ ва КУИ-ро занҳо ба ӯҳда доранд. Танҳо номзади ҲСТ масоили гендериро дар барномаи номзадии худ ҷой додааст. Мувофиқи мушоҳидаҳои МНИ иштироки занон дар маъракаҳои таблиғотӣ умуман паст буд.

Мувофиқи маълумоти расмӣ, 80 фоизи аҳолии Тоҷикистонро тоҷикон, 15,3 фоизро ӯзбекон, 1,1 фоизро русҳо ва 1,1 фоизро қирғизҳо ташкил медиҳанд.[3] Ҳама номзадҳо аҳамияти бунёд ва нигаҳдории муносибатҳои ботаҳаммули байни-этникӣ, аз ҷумла эҳтироми ҳуқуқҳои ақаллиятҳои миллӣ ва гуногунии этникиву фарҳангиро қайд карданд. Ақаллиятҳои миллӣ гурӯҳи ҳадафии махсуси ташвиқоти пешазинтихоботӣ нагардидаанд. Намояндагони ақаллиятҳои миллӣ дар интихобот бемонеа иштирок карда тавонистанд. Бори нахуст аст, ки бюллетенҳо бо чаҳор забон чоп карда шудаанд: аз ҳисоби умумии 3,2 миллион бюллетенҳо, 400 000 бюллетен бо забони ӯзбекӣ, 40 000 бо забони русӣ ва 11 000 бо забони қирғизӣ чоп карда шудаанд.

### Нозирони миллӣ ва байналмиллалӣ

Ба хотири эътирофи аҳамияти нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди интихоботи шаффоф, мутаасифона Қонун дар бораи интихоботи

[3] Манбаи иттилоот: маърӯзаи намояндаи Тоҷикистон дар Форуми 13 Иқтисодии САҲА дар Прага, моҳи маи соли 2005.

Президент назоратбариро аз тарафи нозирони миллии ғайриҳизбӣ муқаррар намекунад. Қарори №42 КМИР маълумоти мушаххасро дар бораи иштироки нозирони байналмиллалӣ/хориҷӣ пешбинӣ мекунад. Баъдтар, дар давоми раванд КМИР чораи шоёни таърифро андешид, ки он тадвими мӯҳлати ниҳоии аккредитатсияи нозирони хориҷӣ/байналмиллалӣ буд. Масъалаи мушоҳида аз тарафи нозирони ғайриҳизбии миллӣ ҳалли худро наёфт.

## Рӯзи интихобот, ҳисобкунии овозҳо ва ҷамъбасти натиҷаҳо

Рӯзи интихобот дар фазои ором ва сулҳомез сурат гирифт ва дар бораи ягон вайронкорӣ гузоришҳо дода нашуданд. Нозирони МНИ кушодашавиро дар тамоми участкаҳои интихоботии назоратшуда мусбат арзёбӣ карданд. Ба овоздиҳӣ дар 80 фоизи участкаҳои интихоботии назоратшуда баҳои мусбат доданд. Бештари участкаҳои интихоботӣ барои овоздиҳӣ чораҳои кофӣ андешиданд ва ба махфияти овоздиҳӣ дар 80 фоиз участкаҳои интихоботии назоратшуда кафолат дода шуд.

Сарфи назар аз саъйу талошу КМИР оид ба маърифати интихобкунандагон, ки махсусун ба овоздиҳӣ шахсан аз номи худ таъкид мекард, овоздиҳӣ аз номи шахсони дигар ва овоздиҳии оилавӣ васеъпаҳнгашта ва як мушкилоти ҷиддӣ боқӣ монд. Нозирон овоздиҳиро аз номи шахсони дигар дар 19 фоиз ва овоздиҳии оилавиро дар 10 фоизи участкаҳои интихоботии назоратшуда мушоҳида намуданд. Овоздиҳии чандкарата дар 7 фоизи участкаҳои интихоботии назоратшуда ба назар расидааст. Қариб дар нисфи (49 фоизи) участкаҳои интихоботии назоратшуда дар рӯйхати интихобкунандагон имзоҳои якхела вуҷуд доштанд. Тартиботи муаррифӣ ва тафтиши ҳуҷҷати муайянкунандаи шахс дар аксар маврид ба инобат гирифта намешуданд ва дар 38 фоизи участкаҳои интихоботӣ чунин санҷишҳо баъзан ва ё тамоман гузаронида намешуданд. Чунин роҳи заифи назорат равзанаҳоро барои сӯйистеъмолкуниҳои ҷиддии имконпазир боз кард.

Дар саросари кишвар баъзе участкаҳои интихоботӣ барвақттар баста шуданд. Дар партави теъдоди зоҳиран на он қадар зиёди овоздиҳандагон, ки аз ҷониби нозирон мушоҳида шуд, баъзе рақамҳо дар гузориши

комиссияҳои участкавии интихоботӣ оид ба ҳозиршавии овоздиҳандагон бениҳоят зиёд буд.

Дар якчанд КУИ нозирон шоҳиди он гаштанд, ки шахсони беваколат кори КУИ-ро роҳбарӣ мекунанд. Дар якчанд ҳолат гурӯҳҳои номуайяни «ихтиёриён» фаъолияти комиссияи участкавии интихоботиро пурра ба дӯши худ гирифтанд (асосан дар Вилояти Суғд). Дар якчанд маврид афсарони мақомоти амният дар дохили бинои участкаи интихоботӣ дида шуданд, ки фаъолияти коммиссияҳои участкавии интихоботро назорат мекарданд.

Нозирони МНИ ҳисобкунии овозҳоро дар шумораи зиёди участкаҳои интихоботии назоратшуда манфӣ арзёбӣ намуданд. Танҳо аз се КУИ яктои он тартиботи зарурии ҳисоби овозҳоро барои таъмин намудани тамомият ва шаффофияти раванд риоя кард. Баъзе КУИ дар пур кардани протоколҳо душворӣ кашиданд ё барои пур кардани протоколҳо ба ҷои ручкаи рангӣ аз қалам истифода бурданд. Ҳамчун пешравии мусбат, аксари КУИ протоколҳои ҷамъбастиро тибқи талаботи КМИР дар участкаҳо овехтанд. Ба ҳар ҳол, ҳисоботдиҳандагии комил тақозо мекунад, ки натиҷаҳо аз рӯи тақсимбандии участкаҳои интихоботӣ дар сатҳи ноҳиявӣ ва марказӣ дар ҷойҳои ҷамъиятӣ овехта шаванд, ки ин дақиқ ва дуруст будани ҳисоботдиҳии натиҷаҳоро собит кунад.

Интиқол додани натиҷаҳо аз КУИ ба Комиссияҳои Ҳавзавии Интихобот (КҲИ) дар КҲИ назорат шуд ва бештари назоратбариҳо ба таври мусбат арзёбӣ шуданд. Дар се ҳолат ба нозирон дар иштироки ин раванд роҳ дода нашуд. Ба ҳар ҳол, раванди ҷамъбасткунӣ шаффоф набуд. Аз се як ҳиссаи КҲИ-и назоратшуда ҷадвали ҷамъбастиро бо қалам пур карданд ва панҷяки КҲИ тағйиротҳоро ба протоколҳои КУИ таҳти сарварии КҲИ ворид сохтанд. Аз се дар ду ҳиссаи КҲИ, нозирони МНИ аз назорати ҷамъбасткунии натиҷаҳои овоздиҳии аз тамоми КУИ воридшуда боздошта шуданд ва инчунин ба онҳо иҷозат дода нашуд, ки натиҷаҳоро сабт кунанд.

***Ин изҳорот бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ дастрас аст***
***Аммо нусхаи англисӣ ягона санади расмӣ боқӣ мемонад.***

МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МИССИЯ ВА АРЗИ СИПОС

Миссияи нозирони интихоботии ДИДҲБ/САҲА дар Душанбе 9 октябри соли 2006 бо иштироки 12 нафар коршиносон ва 13 нафар нозирони дарозмуддат дар пойтахт ва панҷ маркази минтақавӣ ба кор шурӯъ намудааст. Дар рӯзи интихобот дар Миссияи нозирони интихоботии САҲА 123 нозири кӯтоҳмуддат, аз ҷумла 22 аъзои Ассамблеяи парлумонии САҲА ҷойгир карда шудаанд. Ҷамъ, нозирон аз 31 Давлати узви САҲА намояндагӣ карданд. МНИ САҲА раванди овоздиҳӣ ва шумурдани овозҳоро дар зиёда аз 500 участкаҳои интихоботӣ дар кулли қаламрави ҷумҳурӣ ва ҷамъбасти натиҷаҳоро дар 47 КҲИ баъд аз пӯшида шудани участкаҳои интиҳоботӣ назорат карданд.

Ҷаноби Киммо Килюнен, узви парлумони Финляндия ва Сарвари Ҳайати намояндагии Ассамблеяи парлумонии САҲА аз ҷониби Раиси амалкунандаи САҲА ба ҳайси Ҳамоҳангсози махсус барои сарварии Миссияи нозирони кӯтоҳмуддати САҲА таъин карда шуд. Ҷаноби Онно Ван Дер Уинд сарварии Миссияи нозирони интихоботии ДИДҲБ/САҲА (МНИ)-ро ба зимма дорад.

МНИ САҲА мехоҳад ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои даъват ба назорат аз рафти интихобот, ба Комиссияи Марказии интихобот ва раъйпурсӣ барои таъмин намудани ҳуҷҷатҳои аккредитатсионӣ, ба Вазорати корҳои хориҷӣ ва дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ барои кӯмак ва ҳамкорӣ арзи сипос баён кунад. МНИ САҲА инчунин ба Маркази САҲА дар Душанбе ва ба сафоратҳои Давлатҳои узви САҲА-и муқими Душанбе барои дастгириашон дар давоми фаъолияти миссия арзи сипос изҳор мекунад.

**Барои иттилооти иловагӣ, лутфан ба ашхоси зерин муроҷиат намоед:**

- хонум Сара Крозер, Дафтари робитаҳои ҷамъиятии ДИДҲБ/САҲА, Варшава (+48 603 683 122);
  хонум Никола Шмидт, мушовир оид ба масоили интихобот, ДИДҲБ/САҲА, Варшава (+48 695 808 822).
- ҷаноби Андреас Бейкер, Ассамблеяи парлумонии САҲА, Копенгаген (+45 601 08030)
- ҷаноби Онно Ван Дер Уинд, сарвари МНИ ДИДҲБ/САҲА дар Душанбе (ба зер нигаред)

**МНИ ДИДҲБ/САҲА то 16 ноябри соли 2006:**

кӯчаи Халтурин 21, Душанбе, Тоҷикистон
тел.: +992 37 2246815, 2241949
факс: +992 37 2241643
e-mail: office@odihr.tj
вебсайти ДИДҲБ/САҲА: www.osce.org/odihr